«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДМТ, профессор
____________Насриддинзода Э.С.
«__2__»____05______2024

Хулосаи
Донишогоҳи миллии Тоҷикистон
доир ба диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич дар мавзуи «Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён»

Кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ дисссертасияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевичро дар мавзуи «Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа, ки дар кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ иҷро ва дар ҷаласаи ҳамин кафедра муҳокима гардида, барои ҳимоя пешниҳод шудааст таҳлилу баррасӣ намуда, дар асоси баромади диссертант, муқарризони расмии таъйиншуда аз ҷониби кафедра ва саволу ҷавоби диссертант бо иштироккунандагони маҷлис хулосаи зеринро қабул намуд:

Диссертатсия кори илмии комилу анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳамияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Муаллиф пажӯҳиши пурдомана ва муфассалеро анҷом додааст, ки дар натиҷа кор дар сатҳи хуби илмӣ таҳия гардидааст.

Дар рафти таҳқиқоти илмӣ унвонҷӯ аз усул ва равишҳои маъмулии илмҳои фалсафӣ истифода намуда, масъалаи ахлоқро дар замони сомониён мавриди пажӯҳиш қарор дода, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ комёб гардидааст. Аз ҷумла, муҳимияти мавзуи таҳқиқот барои соҳаи таърихи фалсафа, фарҳанги миллӣ ва ҷомеаи муосир дар сатҳи хеле хуб таҳия ва бо далелҳои муътамад асоснок карда шудааст. Тавре ки унвонҷӯ зикр менамояд, «...этикаи аҳди Сосониён дар пояи се рукни ахлоқии оини маздопарастӣ, дини зардуштия: пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек маншаъ гирифта, принсипҳои адолати иҷтимоӣ, баробарии иҷтимоии тамоми қишрҳои аҳолиро новобаста аз мансубияти динию нажодӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои мардум ва ғайраро таъмин карда, ба як давлати пуриқтидор ва аз як маркази воҳид идорашаванда табдил ёфта буд. Аз ин рӯ, истифода ва татбиқи усулҳо ва принсипҳои низоми идоракунии давлатдории Сосониён барои

ҷомеаи муосир, аз ҷумла давлатории миллии тоҷикон дар мавриди расидан ба арзу доди шаҳрвандон, одилона ва оқилона ҳаллу фасл намудани низоу бархурдҳо, роҳ надодан ба тафриқаандозии маҳаллӣ, минтақавӣ, миллию нажодӣ, вусъат бахшидани ҳамкориҳои илмию фарҳангӣ, эҳёи расму оин ва ҷашну маросими миллӣ ва ғайра вижагии хосси худро дорад». Андешаи муаллифи диссертатсия дорои арзиши муҳим барои ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ буда, аз мубрамияти мавзуъ дарак медиҳад.

Далелҳои пешниҳоднамудаи диссертант дар мавриди асосноккунии мавзуи таҳқиқотии худ асоси илмӣ дошта, гувоҳ аз огоҳии унвонҷӯ аз мазмун ва моҳияти кори илмӣ медиҳанд. Бо итминон гуфтан мумкин аст, ки дар асоси пажуҳишҳои муҳаққиқони соҳаи таърихи фалсафа мубрамияти ҷанбаи назариявии таҳқиқи масъалаи мазкур асоснок карда шудааст.

Дараҷаи омӯзиши мавзуъ низ дар сатҳи зарурӣ коркард шудааст. Истифодаи адабиёти зиёд, аз ҷумла сарчашмаҳо ва осори таҳқиқотӣ аз ҷониби муаллифи диссертатсия баёнгари он ҳастанд, ки унвонҷӯ бо онҳо шиносоӣ дошта, дар раванди таҳқиқ ба таври васеъ истифода кардааст. Ҳамзамон, диссертант бо маҳорати хос тавонистааст, ки адабиётҳои таҳқиқотиро вобаста ба мавзуъ таҳқиқ ва ҷанбаи таҳқиқталаб будани онро мушаххас намояд.

Муваффақияти диссертант дар он аст, ки объекти таҳқиқоти худро мушаххас намуда, предмети таҳқиқро дар ҳамоҳангӣ бо объект ва мавзуи рисола таҳия кардааст.

Дар мавриди навгонии илмии пешниҳоднамудаи муаллифи диссертатсия ҳаминро бояд қайд кард, ки аксарияти онҳо асоснок мебошанд. Аз ҷумла, бори аввал дар шакли маҷмуӣ ва системавӣ фалсафаи ахлоқ дар аҳди Сосониён, аҳамият ва арзиши он дар низоми давладории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ҳамчунин,

- дар заминаи сарчашмаҳо ва адабиёти фаровони илмӣ нақши Академияи Гунди Шопур дар ташаккули донишҳои илмӣ ва таҳаввули муносибатҳои ахлоқии давраи Сосониён нишон дода шудааст;
- ҷойгоҳи ахлоқ ва баррасии масъалаҳои ахлоқӣ дар мероси хаттии аҳди Сосониён мушаххас гардонида шудааст;
- аҳамият ва арзиши этикаи Сосониён дар низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба таври мукаммал нишон дода шудааст.

Пойгоҳи методологии диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ буда, усулҳои умумиилмӣ ва умумимантиқӣ ба маврид мебошад. Диссертант зимни таҳия ва

бандубасти диссертатсия медологияи илмро риоя кардааст, ки он аз муваффақияти ӯ дарак медиҳад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар раванди иҷрои кор возеҳ мебошад. Мустақилияти фикрии унвонҷӯ зимни таҳлили муқоисавӣ ва баровардани хулосаҳо ба назар мерасад. Дар раванди пажуҳиши мавзуъ диссертант дар асоси такя ба маъхазҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои муътамад муваффақ гаштааст, ки заминаҳои ғоявӣ, иҷтимоӣ-сиёсии ташаккулёбии этикаро ҳамчун шохаи илми амалӣ дар аҳди Сосониён, ҷойгоҳи ахлоқ ва таҷассуми категорияҳои ахлоқиро дар ёдгориҳои хаттӣ, аҳамият ва арзиши этикаи Сосониёнро дар низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон пешниҳод намояд. Натиҷаҳои бадастовардаи назариявӣ, хулосаҳо, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо бевосита дастоварди илмии муаллиф ба ҳисоб меравадн. Ҳамзамон, мақолаҳои илмии нашргардида, маъруза ва гузоришҳои муаллиф дар конференсияҳои илмӣ ва семинарҳои илмӣ-назариявии гуногунсатҳ салоҳияти ӯро нисбат ба масъалаи баррасишаванда дар диссертатсия тасдиқ менамоянд.

Эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии Каримов Қ. бо интихоби методҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, мувофиқати усулҳои таҳқиқот бо ҳадафҳо ва вазифаҳои гузоштташуда, манбаъҳо ва маъхазҳои ҷамъовардашуда ва коркардашуда оид ба мавзуи таҳқиқот, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар диссертатсия мавҷуданд, инчунин мақолаҳои чопшуда тасдиқ карда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ пешниҳод карда шудаанд.

Натиҷа ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсия низ мувофиқи талабот буда, онҳоро метавон минбаъд барои иҷрои таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи таърихи фалсафа, ахлоқ ва фарҳангшиносӣ, инчунин, ҳангоми таҳия намудани маҷмӯаҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба масъалаи ахлоқ дар фарҳанги тоҷику форс мавриди истифодабарӣ қарор дод. Илова бар ин, маводи таҳқиқшуда, натиҷа ва хулосаҳои бадастомадаро ҳангоми хондани курсҳои махсус ва тадриси фанни таърихи фалсафа ва ахлоқ низ истифода намудан мумкин аст.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти диссертатсияро фаро гирифта, ба он ҳамоҳанг карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич дар мавзуи «Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа кори илмии анҷомёфта буда, ба талаботҳои пешниҳодгардида ҷавоб дода метавонад ва барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафа қабул гардид. Дар ҷаласа иштирок карданд 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушода, ҷиҳати ба ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич ба тариқи зайл сурат гирифт:

Тарафдор - 16 нафар; зид - нест, бетараф нест. Суратҷаласаи №9/1 аз 20.05.2024.

**Мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи ДМТ, н.и.ф., дотсент** **Амирхон Ш.Т.**

**Котиб, дотсент** **Давлатов П.Н.**

**Имзои Амирхон Ш.Т. ва Давлатов П.Н.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.**